**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати дисертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи: «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир низоми андозбандӣ яке аз фишангҳои муҳими суботи молиявӣ ва танзими иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Аз он ки то чӣ андоза низоми андозситонии корхонаю ташкилотҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ дуруст ба роҳ монда мешавад, дар маҷмӯъ самаранокии иқтисодиёти миллии кишвар вобастагӣ дорад. Сиёсати андозӣ дар якҷоягӣ бо низоми андозӣ-буҷетӣ қисмати муҳими сиёсати молиявӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафҳои асосии он барои ҷалби бештари маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ, тақсим ва азнавтақсимкунии онҳо, бо мақсади рушди самараноки истеҳсолот ва беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии мардум равона мегардад.

Бо мурури замон бо ташаккули муносибатҳои истеҳсолӣ низоми андозӣ низ рушд намуда, дарки фаҳмиши илмӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои назараявӣ-методии он низ таҳким ёфтааст. Аз ин хотир, дар ҳама кишварҳои дунё таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявии сиёсати танзими гаронии андоз ва дар заминаи он истифодаи васеъи имтиёзҳои андозӣ, коркарди методӣ-услубӣ ва амалии онҳоро тақозо менамояд.

Аз ин ҷост, ки дар шароити муосир бошад, дар паёмадҳои буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ танзими гаронии андоз ба сифати фишанги муҳими рушди корхонаю ташкилотҳо ва фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, танзими бозори дохилӣ баромад менамояд. Истифодаи ин механизм яке аз шаклҳои асоси идоракунии иқтисодиёти кишвар, таъмини рушди устувори молиявӣ ва тиҷоратии корхонаю ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ, ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, яке аз вазифаҳои асоси давлат дар қатори дигар функсияҳои он татбиқ менамояд - ин дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, бахусус истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ мебошад.

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсияи илмӣ ба яке аз мавзуи муҳими иқтисодӣ бахшида шуда, танзими гаронии андоз дар рушди корхонаю ташкилотҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ ба ташаккули захираҳои молиявӣ ва таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои умумидавлатӣ равона гардида, ба тақсим ва азнавтақсимкунии даромадҳои буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Дар ин раванд танзим гаронии андоз ба

сифати фишанге баромад менамояд, ки тавассути низоми андозӣ-молиявӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ таъсир расонида, ҳам барои такмили низоми андозӣ ва ҳам дигар унсурҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ (иқтисодӣ, истеҳсолӣ, сармоявӣ ва иҷтимоӣ) мусоидат менамояд.

Умуман, танзими гаронии андоз дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва корхонаю ташкилотҳо ба баланд бардоштани самаранокии низоми андозӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои андозӣ, дараҷа ва самаранокии маъмурикунонии андоз мусоидат намуда, муҳити рақобати солимро дар фаъолияти онҳо таъмин карда, ба коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ оварда мерасонад. Идораи самараноки андозҳо дар раванди андозбандӣ аз омилҳои мушахас вобаста буда, татбиқи амалии онҳо имконият медиҳад, ки сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва воридоти андозу пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ боз ҳам хубтар гардад.

Сохтори автореферат ба талаботи муқаррагардидаи КОА ҷавобгӯ мебошад ва бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд. Масалан, дар автореферат агар ягон нақша оид ба назари олимони ватанӣ дар мавриди ташхиси мафҳуми гаронии андоз пешниҳод мешуд, сифати он боз ҳам хубтар мегардид.

Камбудии номбаршуда характери тавсиявӣ дорад ва метавонад дар оянда аз ҷониби муаллиф ба инобат гирифта шавад.

Умуман, аз автореферат бар меояд, ки кори диссертатсионии пешниҳодшуда, кори илмӣ-таҳқиқотиии ба анҷомрасонидашуда ҳисобида мешавад, ки аз тарафи муаллиф мустақилона дар сатҳи ҷавобгӯи талабот иҷро карда шудааст ва кори диссертатсионии Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**д.и.и., дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара** **Хайрзода Ш.Қ.**

Имзои д.и.и., дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоҳирзода С.З.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, ш.Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Марказӣ 25, тел:987346000, Email:shukrulloh-kh-83@list.ru 12.08.2024